**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Назаров Саъдулло Турахонович дар мавзӯи «Афкори фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади имлмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа.**

Замони муосир яке аз умдатарин марҳилаҳои таърихи башарияти мутамаддин мебошад, ки ба арзёбию бозтобӣ ва таҳлилу таҳқиқи амиқу ҳамаҷонибаи масоили ҳалталабу арзишманди афкори иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фалсафии мутафаккирони пешинзамони халқиятҳои олам, хусусан қавмҳои эрони табор – тоҷику форс ва араб равона шудааст.

Ибни Боҷҷа аз шаҳиртарин чеҳраҳои фарҳангии мактаби фалсафии машшоияи асримиёнагии машриқзамин мебошад, ки аз худ осори пурарзишу ғание боқӣ гузоштааст. Осори боқимондаи ин мутафаккири чирадаст саршори ғояҳои пешқадамонаи фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсӣ мебошанд.

Ибни Боҷҷа аз шахсиятҳое буд, ки фалсафаи машшоия, махсусан фалсафаи Форобиро бо ғояҳои тозаи худ ғанӣ сохта, ба тарғиби он дар ғарби хилофат пардохтааст. Албатта ӯ танҳо тарғибгари ақидаҳои Форобию Ибни Сино набуд, балки дар фалсафа, ҷомеашиносӣ, сиёсат ва махсусан ахлоқ андешаҳои тозаи худро дошт. Дар натиҷаи талошҳои ӯ шиносоии донишмандон дар Ғарб, махсусан дар Андалусия бо афкори фалсафию ахлоқии мутафаккирони қисмати ғарби хилофат хеле афзуд. Аз ин рӯ, таҳқиқи андешаҳои ин мутафаккир ва фаъолияти ташвиқгари ӯ хеле муҳим мебошад.

Ҳарчанд мавзӯи баҳси ин рисола ба таври маҷмуӣ таҳқиқ нашуда бошад ҳам, вале аксарияти саволҳои марбут ба он дер боз таваҷҷуҳи олимону муҳаққиқони ҳуқуқшинос, фарҳангшинос, муаррихон,

этнографҳо, диншиносон ва мутахассисони соҳаҳои дигари илмҳои ҷамъиятӣ–гуманитариро ба худ ҷалб намудаанд.

Сарфи назар аз он, ки ба омӯзиш ва баррасии афкори фалсафии Ибни Боҷҷа муаллифони зиёде рӯй овардаанд, вале мутаасифона то ба имрӯз як қатор ҷанбаҳои афкори ӯ таҳқиқношуда боқӣ мондаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки афкори ин мутафаккир дар сатҳи нокифоя омӯхта шудааст. Дар ин самт метавон сабабҳои мухталифро махсусан қайд намуд: мавҷуд набудани анъанаи баррасии афкори Ибни Боҷҷа, маҳдуд будани сарчашмаҳо, бойгарии матнҳо ва душвориву мураккабии дарки онҳо, кӯшиши муаллиф ба мустақилӣ, ба итмом нарасонидани консепсияи ӯ, коркард нагардидани ҷанбаҳои алоҳидаи он ва ғайраро метавон таъкид кард.

Гуфтаҳои боло собит месозанд, ки мавзӯе мавриди таҳлилу баррасии унвонҷӯй Назаров С.Т. қарор гирифтааст, аз ҳар ҷиҳат таҳқиқталаб ва ниёз ба арзёбию бозтобӣ буда, муҳимму мубрам мебошад.

Сохтори рисола мавриди тақриз қарор гирифта, аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб ва хулосаву номгӯи манобеъу адабиётҳои тадқиқотии истифодашударо фаро гирифтааст.

Муқаддимаи рисола ба тавзеҳи мубрамияти мавзӯи баррасишаванда, дараҷаи омӯзиш, мақсаду вазифаҳо, навгониҳо, арзишмандии равшаншиносӣ ва амалию назариявӣ хулосаҳои пешниҳод намудаи муаллиф нигаронида шудааст.

Боби якуму зербобҳои рисола масоили заминаҳои таърихӣ ва сарчашмаҳои ғоявии ташаккули афкори фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа (вазъияти иҷтимоӣ-сиёсии замон, зиндагии мутафаккир, заминаҳои фарҳангӣ ва илмии давраи ӯ ва сарчашмаҳои ғоявии ташаккули таълимоти фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷа) равона шудааст.

Боби дуюми рисола аз таҳлилу таҳқиқи бевоситаи масоили асосии мавзӯи баррасишаванда «Таълимоти фалсафӣ-иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷа таркиб ёфтааст. Дар ин қисмати рисола масоили ҳастигиносӣ, маърифатшиносӣ дар низоми фалсафии Ибни Боҷа, таълимоти мутафаккир роҷеъ ба фаҳми моҳияти шахсият ва ҷомеа аз назари ӯ ва фалсафаи амалии Ибни Боҷа арзёбӣ шудааст».

Дар қисмати хулосаи рисола натиҷагириҳои муаллифи рисола ва феҳристи сарчашмаҳо ва адабиёт ёдрас шудааст.

Дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки таҳқиқи мавзӯи интихобнамудаи диссертант Назаров Саъдулло Турахонович аз ҳар ҷиҳат арзишманд буда, анҷомёфта ҳисобида мешавад. Аз ин рӯ, унвонҷӯ Назаров С.Т. сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа мебошад.

Роҳбарони илмӣ: д.и.ф., профессори кафедраи таърихи
фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии ДМТ Комилов Р.С.

Имзои Комилов С.Р.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.